**СУРАТМАҶЛИСИ № 5**
**Маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.КОА-079**
**назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи**
**ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ**

**аз 14 – марти соли 2025** **ш. Душанбе**

**Иштирок доштанд:** аз 16 аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми октябри соли 2024, №364/шд тасдиқ шудааст, 14 нафар иштирок доранд (1-нафар дар реҷаи онлайн). Як нафар аъзои шурои диссертатсионӣ бо сабабҳои узрнок дар маҷлис ҳузур надорад. Аз се ду ҳиссаи аъзои шурои диссертатсионӣ дар маҷлис ҳузур доранд. Бинобар ин, шуро салоҳият дорад, ки ба кори худ оғоз намояд.

Пешниҳод шуд, ки маҷлиси шурои диссертатсионӣ кушода эълон карда шавад. Пешниҳоди дигар нест? Нест. Якдилона қабул шуд.

РУЗНОМАИ МАҶЛИС:

**1.Дар бораи ташкили комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ**

Раиси шурои диссертатсионӣ, доктори илмҳои сиёсӣ Қувватзода Сайдулло Зувайд дар бораи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳод шудани диссертатсияи Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич дар мавзӯи «Нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.02 - ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ баромад намуд ва аъзои шуроро бо ҳуҷҷатҳои парвандаи аттестатсионии довталаб шинос намуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ пешниҳод намуд, ки барои экспертизаи диссертатсия комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин ташкил карда шавад: доктори илмҳои сиёсӣ Шарифзода Лоҳутӣ Шариф (раис), доктори илмҳои сиёсӣ Қурбонова Зулфия Маҳманабиевна (аъзо) ва доктори илмҳои фалсафа Усмонова Зулайхо Миразизовна (аъзо).

**Қарор қабул карда шуд:**

1.Комиссияи экспертӣ оид ба диссертатсияи Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич дар мавзӯи «Нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз руйи ихтисоси 23.00.02 - ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ таъин карда шавад.

2.Ба ҳайати комиссияи экспертӣ дохил карда шаванд:
- доктори илмҳои сиёсӣ Шарифзода Лоҳутӣ Шариф;
- доктори илмҳои сиёсӣ Қурбонова Зулфия Маҳманабиевна;
- доктори илмҳои фалсафа Усмонова Зулайхо Миразизовна.

**Қарор бо овоздиҳии кушод якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор ____________ Қувватзода С.З.

Котиби илмии
шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ ____________ Сангинов Н.Н.